БАРОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ, СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ, РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 16, (316),
22 августи соли 2018

E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

# ПОЯНДАВУ БЕ ЗАВОЛ БОД ДӮСТИВУ БАРОДАРИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК!



***Сарони давлатҳо изҳори боварӣ намуданд, ки Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба шарикии стратегӣ, ки дар рафти сафар ба имзо расид, барои рушд ва таҳкими минбаъдаи ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстона, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории байни ду давлат ва мардум, инчунин барои сулҳ, субот, амният ва рушди устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хидмат хоҳад намуд.***

сах.3



МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДОН ДАР САМТИ ПЕШГИРӢ АЗ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ 7



ҲУНАР САРМОЯИ ЗИНДАГӢ БУДА, ИНСОНРО БА ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНД МЕРАСОНАД 4



АКСИЯИ ҲИЗБИИ «ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!» БА ОБОДОНИИ МАҲАЛ НИГАРОНИДА ШУДААСТ! 5



МО АЗ ДИЁРИ РАВШАНӢ - МО ҲАМДИЁРИ ОБҲО... 6




ОҒОЗИ СОХТМОНИ БИНОИ МАЪМУРИИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ 8

# ИЗҲОРОТИ МУШТАРАКИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ

*17.08.2018, Ӯзбекистон*



Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев рӯзҳои 17-18 августи соли 2018 Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон анҷом пазируфт.

Дар рафти мулоқот, ки дар фазои якдигарфаҳмӣ, гуфтугӯи ошкор ва созанда сурат гирифт, Сарони давлатҳо масъалаҳои мубрами вазъи имрӯзаи муносибатҳои байнидавлатӣ, дурнамои тавсеаи минбаъда ва таъмиқи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи дуҷониба, ки тамоми соҳаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро фаро мегиранд, инчунин масъалаҳои умдаи минтақавию байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро ба тарзи муфассал муҳокима намуданд.

Президентҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон сатҳи баланди робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ-гуманитарии байнидавлатӣ, инчунин тамоюли рушди мунтазам ва мутақобилан судманди ҳамкориҳоро байни ду кишвар бо қаноатмандӣ таъкид намуда, бо такя ба принсипҳои устувори дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва эҳтироми ҳамдигар, инчунин бо назардошти умумиятҳои чандинасраи таърихӣ ва фарҳангии мардумони ду кишвари бародар ва ба роҳбарӣ гирифтани муқаррароти Аҳдномаи дӯстии абадии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000, бо эътиқод бар он, ки баровардани муносибатҳои дуҷониба ба сатҳи шарикии стратегӣ барои ҳамкориҳои минбаъдаи созанда ва мутақобилан судманд байни Тоҷикистону Ӯзбекистон барои дурнамои дарозмуддат такони нав ва қавӣ хоҳад дод, бо дарки амиқи масъулияти баланди худ ҷиҳати таҳкими сулҳу суботи ҷаҳонӣ, таъмини рушд ва шукуфоии тамоми минтақа эълом медоранд:

1. Сарони давлатҳо изҳори боварӣ намуданд, ки Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба шарикии стратегӣ, ки дар рафти сафар ба имзо расид, барои рушд ва таҳкими минбаъдаи ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстона, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории байни ду давлат ва мардум, инчунин барои сулҳ, субот, амният ва рушди устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хидмат хоҳад намуд.

Дар ин робита, Тарафҳо азми қавии худро барои идомаи фаъолияти муштарак ҷиҳати нигоҳ доштани тамоюли баланди инкишофи муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, таъмини татбиқи саривақтӣ ва пурраи аҳду паймонҳои басташуда таъкид намуданд.

2. Сарони давлатҳо, бо изҳори қаноатмандӣ қайд намуданд, ки ба туфайли талошҳои муштарак Сарҳади давлатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сарҳади дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ табдил гардид, ки он ба манфиатҳои ҳаётан муҳими ду мардуми ба ҳам бародар ҷавобгӯ мебошад.

Тарафҳо аҳамияти идомаи татбиқи Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро оид ба қитъаҳои алоҳидаи Сарҳади давлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон махсус қайд намуданд.

3. Сарони давлатҳо ба вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки 15 март дар ш. Остона баргузор гардид ва дар он масъалаҳои мубрами рушди минтақа ва пешниҳодот оид ба батанзимдарории ҳамкории самаранок муҳокима гардиданд, баҳои баланд доданд. Омодагӣ барои ба таври мунтазам баргузор намудани чунин вохӯриҳо таъкид гардид. Ҷониби Тоҷикистон пешниҳоди ҷониби Ӯзбекистонро оид ба баргузор намудани вохӯрии навбатӣ дар соли 2019 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон истиқбол ва дастгирӣ намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои мусбати ислоҳоти миқёсан бузург дар Ӯзбекистон ва ташаббусҳои муҳимми байналмилалиро, ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев роҳандозӣ кардааст, қайд намуда, изҳор дошт, ки онҳо дар баробари таҳкими иқтидори кишвар, рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва таҳкими эътибори байналмилалӣ шароити мусоидро барои ҳамкории мутақобилан судманди бисёрҷониба дар Осиёи Марказӣ фароҳам меоранд.

4. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев натиҷаҳои босамари тадбирҳои аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон анҷомдода, ки барои таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон равона гардидаанд ва саҳми назарраси ӯро дар рушди муносибатҳои дуҷониба миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон мусбат арзёбӣ намуд.

5. Сарони давлатҳо аҳамияти хос ва калидӣ доштани тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодиро бори дигар таъкид намуданд.

Тарафҳо бо қаноатмандӣ афзоиши дукаратаи ҳаҷми савдои дуҷонибаро дар соли сипаришуда қайд намуда, бо назардошти тамоюли мусбат ва мавҷудияти иқтидори бузург, омодагии худро барои бо кушиши муштарак афзоиш додани ҳаҷми савдои дуҷониба дарояндаи наздик, иброз намуданд.

Дар робита бо ин Тарафҳо ҳавасмандии худро барои диверсификатсияи минбаъдаи номгӯи гардиши савдои дуҷониба, ҷоннок гардонидании ҳамкориҳо дар соҳаи саноат, ташкили корхонаҳои муштарак, такмил додани шароити амалиётҳои содиротӣ ва воридотӣ иброз намуданд.

Тарафҳо бо қаноатмандӣ аҳамияти идомаи иштироки фаъоли доираҳои соҳибкории Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар намоишгоҳҳои миллӣ ва анҷумани соҳибкорон дар қаламрави ҳар ду давлат қайд карда, иброз доштанд, ки онҳо барои ба роҳ мондани алоқаҳои бевосита байни ҷамъиятҳои соҳибкории Тарафайн мусоидат хоҳанд кард.

Сарони давлатҳо ташкил намудани намоишгоҳи "Дар Тоҷикистон истеҳсол гардидааст" ва баргузории Анҷумани муштараки соҳибкоронро дар чаҳорчӯбаи сафари давлатӣ дар ш.Тошканд бо хушнудӣ истиқбол намуданд.

Президентҳо ба кори Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ баҳои мусбат доданд.

Дар ин робита, нақши калидии Комиссия, ҳамчун механизми босамари ҳамоҳангсозӣ ва рушди самарабахши тамоми маҷмӯи масъалаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ қайд гардид.

Ҷонибҳо тамоюли мусбати дар тавсеа ва таъмиқи робитаҳо байни минтақаҳои ду давлат мушоҳидашавандаро дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ таъкид намуданд.

Дар ин росто, аҳамияти пайгирона дар амал татбиқ намудани Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкории байниминтақавӣ, ки 9 марти соли 2018 дар ш.Душанбе ба имзо расид, қайд гардид.

6. Сарони давлатҳо аҳамияти тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳоро дар истифодаи ҳамаҷонибаи имконоти нақлиётӣ-коммуникатсионӣ ва иқтидори транзитии ҳар ду давлат бори дигар таъкид намуда, натиҷаҳои ба даст овардашударо дар ин соҳа қайд намуданд.

Дар робита ба ин, ба мақомоти дахлдори ҳар ду кишвар барои идомаи коркарди масирҳои нави транзитии автомобилӣ, роҳи оҳан, авиатсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид дар ин соҳа дастур дода шуд.

Тарафҳо ҳавасмандии худро дар таъмиқи минбаъдаи ҳамкорӣ дар масъалаи ба тарзи самаранок истифода бурдани долонҳои мавҷудбудаи транзитӣ-нақлиётӣ барои интиқоли борҳо тавассути роҳҳои оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон изҳор намуданд.

Президентҳо ифтитоҳи хатсайри ҳавопаймоиро аз шаҳри Душанбе ба шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд истиқбол намуданд, ки он ба тавсеаи муносибатҳои фарҳангӣ-гуманитарӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодӣ миёни ду давлат ва мардуми ба ҳам бародари онҳо мусоидат менамояд.

7. Сарони давлатҳо бо ишора ба умумияти бисёрасраи таърихию фарҳангии ду мардуми бародар ба тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ аҳамияти махсус медиҳанд.

Тарафҳо тамосҳои мустақим ва баркарор гардидани робитаҳоро байни доираҳои илмиву эҷодӣ ва муассисаҳои дигари соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ, инчунин баргузории чорабиниҳои зиёди тарафайнро бо иштироки ходимони фарҳанг ва санъати Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, ки ба ҳамдигарфаҳмии бештар ва наздиктар шудани мардуми ду кишвар мусоидат мекунад, бо қаноатмандӣ қайд намуданд.

Президентҳои ду кишвар бо таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои вусъат додани муносибатҳои тарафайн дар соҳаи маориф ва илм аҳамияти Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро, ки дар доираи боздиди давлатӣ ба имзо расидааст, таъкид намуданд.

Тарафҳо минбаъд ҳам кӯшиш хоҳанд намуд. ки барои ӯзбекон ва тоҷикони дар қаламрави онҳо сукунатдошта ҷиҳати ҳифз ва инкишоф додани забони модарӣ, фарҳанги миллӣ ва расму анъанаҳо шароити мусоид фароҳам созанд.

8. Президентҳо ба ҳукуматҳои ҳар ду кишвар супориш доданд, ки оид ба масъалаи такмил додани омӯзиш ва омӯзонидани забони ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон, тавсеаи шабакаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ба тарзи матлуб ба роҳ мондани ҳамкориҳо доир ба мубодилаи китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ, нашрияҳои даврӣ ва асарҳои илмӣ, инчунин дастгирии тарҷумаи осори адабии классикӣ ва нависандагону шоирони муосири ду кишвар, тадбирҳои амалӣ андешанд.

9. Тарафҳо пурра ба фаъолият даромадани нуқтаҳои гузаргоҳҳо дар Сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро бо қаноатмандӣ қайд намуда, аҳамияти таъмини муназзами кори сохторҳои дахлдори наздисарҳадиро ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаракати одамон, сармоя, молу хизматрасониҳо махсус таъкид карданд.

Сарони давлатҳо ба ҷорӣ намудани низоми бераводид то 30 рӯз барои сафарҳои мутақобили шаҳрвандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, ки дар муддати кӯтоҳ афзоиши чандкаратаи сафарҳои байниҳамдигарӣ ва таҳкими алоқаҳоро байни мардумони ду кишвар таъмин сохт, баҳои мусбат доданд. Тарафҳо барои минбаъд ҳам озодтар кардани низоми раводидҳо корро идома медиҳанд.

10. Президентҳои ҳар ду кишвар ақидаи ягона доранд, ки боло рафтани сатҳи хатару таҳдидҳои амниятӣ дар минтақа, ҳамоҳанг сохтан ва ба танзим даровардани ҳамкориҳои байни сохторҳои дахлдори Тарафҳо тақозо мекунад.

Дар ин замина, самарабахшии ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти амнияти ду кишвар, инчунин зарурати татбиқи созишномаҳои баимзорасида дар бораи ҳамкориҳои сохторҳои дахлдори Тоҷикистон ва Ӯзбекистон қайд гардид.

11. Сарони давлатҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ диққати махсус зоҳир намуданд.

Дар ин робита, роҳбарони ду дав-

*(Давомаш дар саҳ.3)*

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР «ШОМИ ДӮСТӢ» БА ИФТИХОРИ САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

*Ҳурматли Мирзиёев Шавкат Миромонович – Ӯзбекистон Республикасининг Президенти!*

*Дӯстони азиз!*

Нахуст иҷозат фармоед, то бори дигар арзи сипоси самимии худро ба Шумо ва тамоми мардуми шарафманду дӯсту бародари ӯзбек барои истиқболи гарму меҳмоннавозии сатҳи олӣ ва таваҷҷуҳи хосса изҳор намоям.

Бо истифода аз фурсати муносиб, дуруду пайғомҳои гарми мардуми Тоҷикистонро ба ҳамаи шумо мерасонам.

Итминони комил дорам, ки натиҷаҳои сафари имрӯзаи мо мисли самараи боздиди таърихии бародари ман, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз Тоҷикистон, ба таҳкими равобити ҳасана ва ҳамкории ду кишвари дӯсту бародар такони ҷиддӣ мебахшанд.

Шавкат Миромоновичи гиромӣ!

Боиси сарфарозист, ки мову шумо имрӯз заминаи боэътимоди робитаҳои гуногунҷанбаи кишварҳоямонро бо созишномаҳои нав ғанӣ гардонидем ва онҳоро ба сатҳи шарикии стратегӣ бардоштем.

Ҳамсоя будани тоҷикон ва ӯзбекҳо, дар як муҳити ҷуғрофӣ зиндагӣ кардан ва аз як сарчашма об нӯшидани онҳо ҳукми тақдир мебошад.

Эҳсоси олии дӯстӣ, бародарӣ ва дастгирии якдигар асосҳои таърихии муносибатҳои байни халқҳои мо мебошанд, ки тӯли асрҳо аз насл ба насл интиқол ёфтаанд.

Яъне халқҳои мо садсолаҳои зиёд бо фарҳанги куҳану ҳаммонанд ва одобу русуми яксон дар фазои сулҳу дӯстӣ ва самимияту бародарӣ паҳлуи ҳам зиндагӣ кардаанд.

Тоҷикону ӯзбекҳо ду халқе ҳастанд, ки тамоми арзишҳои ахлоқӣ, одобу рафтор ва ҷашну маросими онҳо ба ҳамдигар хеле монанд ҳастанд.

Гузашта аз ин, дар кишварҳои мо ҳазорон оилаҳое зиндагӣ мекунанд, ки гувоҳи пайвандҳои хешутабории тоҷику ӯзбек мебошанд.

Ниёгони шарафманди мо дар давоми садсолаҳо мероси беҳамтои фарҳангиву илмиеро ба вуҷуд оварда, ба мо вогузор намудаанд.



Ин мероси ниёгони мо сармояи бузурги маънавие буда, ки ба мо имконият фароҳам меорад, ки имрӯз ва дар оянда низ дар фазои дӯстиву бародарии самимона кору зиндагӣ кунем.

Эҷодиёти шахсиятҳои бузурги илму адабу фарҳанг, ки барои тоҷикону ӯзбекҳо мояи ифтихори муштараканд, сармояи вокеан пурарзиши маънавии халқҳои мо мебошад.

Дар садри ин бузургон, албатта, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ қарор доранд.

Роҳи ҳаётии ин ду шоиру мутафаккири бузург, ки дар фаъолияти эҷодии онҳо инъикос ёфтааст, намунаи олии дӯстӣ ва эҳтироми мутақобилаи халқҳои мо мебошад.

Мир Алишери Навоӣ мақому мартабаи ахлоқиву маънавӣ ва инсонии устодаш-Абдурраҳмони Ҷомиро чунин ба қалам додааст:

*Ул сафо аҳли пок фарҷоми,*
*Покфарҷому покфар Ҷомӣ.*
*Ул яқин сори дастгир манга,*
*Қиблаву устоду пир манга.*

Имрӯз барои муошират ва рафтуомади озодонаи шаҳрвандони ҳар ду кишвар ҷиҳати дидорбинии хешу табор, ёру дӯстонашон ва саёҳату тиҷорат тамоми имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар чунин шароит мо бояд ба хотири рушду таҳкими арзишҳои созандаи муносибатҳои неки ҳамсоягиамон дучанд саъю талош намоем.

Дар ин самт, пеш аз ҳама, аҳли зиё, яъне шоирону нависандагон, олимону донишмандон ва ходимони фарҳанг бояд фаъол бошанд.

Мо аз ҷониби худ чунин робитаҳои неки байни мардумонамонро ҳамаҷониба дастгирӣ хоҳем кард.

Дар ин робита, ҳамчунин, мехостам аҳаммияти ҳамаҷониба густариш додани робитаҳои ду кишварро дар соҳаи сайёҳӣ таъкид намоям.

Мо бояд ба шиносоии фарохтари халқҳоямон бо осори таърихиву фарҳангии ду кишвар ҳамаҷониба мусоидат намоем.

Ҳамкориҳои гуногунҷанбаи тиҷоративу иқтисодӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таҳкиму густариш пайдо кардани муносибатҳои дӯстии байни кишварҳо маҳсуб меёбанд ва мо азми қотеъ дорем, ки онҳоро минбаъд низ густариш диҳем.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти хусусиятҳои ба ҳам монанди иқтисодиёти кишварҳоямон, ҷиҳати ба роҳ мондани робитаҳои боз ҳам беҳтар дар миёни сохторҳои хоҷагидориамон, иқдомҳои муссир анҷом диҳем.

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Бар асари татбиқи қарори аз лиҳози стратегӣ дурусти Шумо ҷиҳати роҳандозӣ намудани ислоҳоти куллӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёт симои Ӯзбекистони бародар рӯз ба рӯз дигаргун мегардад.

Вақтҳои охир Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳамчунин, оид ба таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои самарабахши кишварҳои минтақа як силсила иқдомҳоро анҷом дод.

Дигаргуниҳои бунёдие, ки дар ин самт ба вуҷуд омадаанд, фазои куллан навро барои ҳамгироии созандаи минтақавӣ фароҳам меоранд.

Тоҷикистон чун ҷонибдори муътақиди густариши робитаҳои созанда миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати дурандешонаи Шуморо дар ин ҷода, ки аз аввалин рӯзҳои ба уҳда гирифтани роҳбарии кишвари дӯсти Ӯзбекистон пеш гирифтаед, ҳамаҷониба пуштибонӣ мекунад.

Дар фарҷоми сухани худ бори дигар ба Шумо, Шавкат Миромоновичи гиромӣ, барои фароҳам сохтани фазои олии бародарона дар кишвари биҳиштосои Ӯзбекистон сипосгузории амиқ баён мекунам ва паёми муҳаббати гарми мардуми тоҷикро ба халқи дӯсту бародари ӯзбек арз менамоям.

Бовар дорам, ки ҳамкориҳои кишварҳои мо дар ҳамаи бахшу самтҳо минбаъд низ пайваста густариш хоҳанд ёфт.

Мо имкониятҳои таърихӣ ва захираҳои истифоданашудаеро бо азму иродаи ду ҷониб ба самар хоҳем расонид.

Робитаҳои давлатҳои мо, ки акнун ба сатҳи шарикии стратегӣ расидаанд, барои мардумони кишварҳоямон рӯзгори босаодатро ба армуғон хоҳанд овард. Ман ба ин итминони комил дорам.

Қадамҳои хубе, ки дар ин соли таърихӣ дар роҳи таҳкиму густариши муносиботи ду кишвар гузошта шуданд, оғози корҳои бузурги оянда мебошанд.

Мо дар оянда низ дар роҳи густариши фазои дӯстии абадӣ ва самимияту ҳамдигарфаҳмии халқҳоямон бо ҳам қадамҳои устувор гузошта, ободиву пешрафт ва сулҳу суботи кишварҳоямонро таъмин мекунем. Ин рисолати таърихии мо мебошад.

Ба ҳозирини гиромӣ ва кулли мардуми бародари Ӯзбекистон оромиву амонӣ, некӯаҳволиву саодат ва пешрафти рӯзафзун орзу мекунам.

Ба Шумо, Шавкат Миромоновичи азиз, сиҳатмандии бардавом ва дар фаъолияти пурмасъулияти таърихиатон барору комёбиҳои бузург орзумандам.

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон халқларининг биродарлик ришталари мустаҳкам ва абадий бӯлсин!

***Поянда ву безавол бод дӯстиву бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек!***

***17.08.2018, Ӯзбекистон***

***(Идома аз саҳ.2)***

лат ба имзо расонидани созишномаи ҳамкориро байни ду кишвар истиқбол намуданд.

12. Президентҳо фаъолияти муштараки гурӯҳи кории Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро оид ба масъалаи безарарсозии минтақаҳои монеаҳои муҳандисӣ дар қаламрави сарҳадии ду кишвар мусбат арзёбӣ карда, зарурати анҷом додани корро дар ин самт то охири соли 2019 бори дигар таъкид намуданд.

13. Президентҳо истифодаи муштараки захираҳои обӣ-энергетикиро, ки барои ба даст овардани рушди устувор, некӯаҳволӣ ва шукуфоии Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад, бо назардошти манфиатҳои ҳамаи давлатҳои минтақа, бори дигар таъкид намуданд. Аҳамияти муколамаи кушод, таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди ҳамкориҳои созанда, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мутақобилан судманд, одилона ва оқилона дар ин соҳаҳо қайд карда шуд.

Тарафҳо оид ба омӯзиши масъалаи сохтмони муштараки ду нерӯгоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 320 мегаватт дар қаламрави Тоҷикистон дар дарёи Зарафшон ба мувофиқа расиданд. Роҳбарони ду давлат ба Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ супориш доданд, ки масъалаи истифодаи оби ошомидании кӯли Сарез ба манзури таъмини ниёзҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Тарафҳо ба натиҷаҳои Конфронси байналмилалии сатҳи баланди даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» 2018-2028 (ш. Душанбе 20-22 июни соли 2018) баҳои мусбат доданд ва омодагии худро барои иштироки фаъолона дар татбиқи эъломияи хотимавӣ ва дигар санадҳои ниҳоии Конфронс изҳор намуданд.

Президентҳо дастгирии якдилона ва қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ-ро оид ба “Таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалии таъмини сулҳ, субот ва рушди устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар якҷоягӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, бо қаноатмандӣ қайд карданд ва нияти давом додани ҳамкориҳоро дар пешбурди татбиқи лоиҳаҳои муштараки минтақавӣ дар арсаи байналмилалӣ изҳор намуданд.

14. Президентҳо ҳамфикранд, ки дар масъалаҳои байналмилалӣ ҳалли ҳар гуна зиддият ва ихтилофҳо танҳо бо роҳи сиёсӣ, тавассути гуфтушунидҳо ва воситаҳои дигари осоишта, бо риояи қатъии меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳое, ки дар Оинномаи СММ дарҷ гардидаанд, имконпазир мебошад.

Тарафҳо тақвияти ҳамкориҳои дуҷонибаро дар арсаи байналмилалӣ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Ҳамкории Исломӣ, инчунин ташкилотҳои дигари байналмилалӣ ва минтақавӣ идома медиҳанд.

Президентҳо натиҷаҳои конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Афғонистон “Раванди сулҳ, ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва ҳамгироии минтақавӣ” (ш. Тошканд, 26-27 марти соли 2018) ва Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои муқовимат бар зидди терроризм ва ифротгароиро (ш.Душанбе, 3-4 майи соли 2018) ба таври мусбат арзёбӣ карданд.

15. Тарафҳо аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки хислати таърихӣ дошт, қаноатмандӣ изҳор намуданд ва қайд карданд, ки гуфтушунидҳои баргузоршуда ва ҳуҷҷатҳои дар рафти сафар баимзорасида ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба дар соҳаҳои мухталиф такони нав медиҳанд ва ба таҳкими ҳамаҷонибаи муносибатҳои байнидавлатӣ саҳми назаррас мегузоранд.

16. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва тамоми мардуми Ӯзбекистон барои меҳмоннавозӣ, пазироии самимии меҳрубонона, ки ба ҳайати Тоҷикистон расонида шуд, изҳори миннатдорӣ намуд ва аз Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро даъват ба амал овард, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фурсатҳои муносиб ташриф орад.

***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев***
***шаҳри Тошканд,***
***17 августи соли 2018***

ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## СОКИНОН АЗ ФАЗОИ СУЛҲУ СУБОТИ КИШВАР ШУКРГУЗОРАНД



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар маҳаллаи Роҳи оҳани ҷамоати деҳоти Мадания т намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва хониши сиёсӣ вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ баргузор гардид.

Масъулин дар рафти суханрониашон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Соли тақвияти робита бо маҳал ва эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ намуда, ҷамъомадагонро ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ, тарбияи дурусти фарзандон дар роҳи ватандӯстиву худогоҳии миллӣ ва риояи талаботи қонунҳо амалкунанда раҳнамоӣ карданд.

Дар ин баробар масъулин моҳияти Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!»-ро ба дарки ҷомеа расонида, онҳоро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани аксияи мазкур ҳидоят намуданд.

Дар охир иштирокдорон бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу суботи кишвар аз намоиши ҳунарҳои мардумӣ дидан намуда, ба ҳунармандони маҳалла дар пешрафти корашон барору комёбӣ таманно намуданд.

*н.Ҷ.БАЛХӢ*

## ТОЗАГИВУ ОБОДИИ ВАТАН ОБРӮИ ҲАР ЯК СОКИНИ КИШВАР АСТ



Доир ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Корхонаи давлатии хоҷагии манзилии коммуналӣ” бо аъзои ҳизб вохӯрӣ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия иштирок ва атрофи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, татбиқи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!”, анҷоми корҳои бунёдкориву созандагӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои терроristиву экстремистӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ намуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон Мирзоев Исуф доир ба самтҳои афзалияноки фаъолияти ҲХДТ ва моҳияти Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!”-ро ба иштирокдорон фаҳмонида, онҳоро ба корҳои созандагию бунёдкорӣ даъват намуд. Инчунин, мавсуф зикр кард, ки ободию зебоӣ ва тозагии маркази ноҳия аз кормандони Идораи комуналӣ вобастагии зиёд дорад.

*н.БАЛҶУВОН*

## ҲХДТ – МУҲОФИЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИЮ ФАРҲАНГӢ



Дар асоси ҷадвали баргузории хонишҳои сиёсӣ дар ташкилоту муассисаҳо вохӯрии навбатии кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик Асомудинзода Садбарг ва Раҷабов Ҷаҳонгир дар шабакаҳои барқи ноҳия доир гардид.

Зимни мулоқот Асомудинзода Садбарг доир ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, роҳандозии озмунҳои ҳизбӣ ва Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” суханронӣ карда, моҳияти масъалаҳои номбурдаро мавриди баррасӣ қарор дод.

Дар доираи суханронии мавсуф кормандони шабакаҳои барқи ноҳия Асомиддинов Зайниддин ва Насимов Комрон андешаҳои худро баён карда, қайд намуданд, ки мо шахсони муттасаддӣ тибқи бандҳои Оиннома ва Барномаи ҲХДТ амал карда, минбаъд низ дар амалӣ намудани ҳадафҳои созандаи он саҳми муносиб хоҳем гузошт.

Дар ҷараёни хониши сиёсӣ Асомудинзода Садбарг ҳозиринро даъват намуд, ки ҳамчун аъзои фаъоли ҲХДТ маълумоти аз хониши сиёсӣ гирифтаи худро ба аҳолӣ ба таври васеъ расонанд.

Машғулияти сиёсӣ ба кормандони шабакаҳои барқи ноҳияи Темурмалик таассуроти нек бахшид.

*н.ТЕМУРМАЛИК*

## ҲУНАР САРМОЯИ ЗИНДАГӢ БУДА, ИНСОНРО БА ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНД МЕРАСОНАД



Бо ташаббуси кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш дар маҳаллаи Навободи ҷамоати деҳоти Тоҷикободи ноҳия чорабинии ҳизбӣ доир ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ дар мавзӯъи рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки дар Паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидааст, вохӯрӣ доир карда шуд.

Дар рафти чорабинӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш Маҳмадов Одилҷон иштирок ва суханронӣ намуда, зикр кард, ки кишвари мо воқеан ҳам сарзамини биҳиштосо ва афсонавӣ буда, эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ нишонаи рушду пешрафти кишвар мебошад ва ин аз манфиат холӣ нест. Ба ҷойҳои корӣ таъмин гардидни аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муаррифии таърихи фарҳанг ва анъанаҳои хоси миллиамон мебошад.

Дар охири чорабинӣ иштирокчиён ин иқдоми неки оияндасозро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, миннатдории хешро барои дастгирӣ ва аз нав эҳё кардани ҳунарҳои қадимаи миллӣ баён карданд.

*н.ВАХШ*



## СОКИНОН БА ҚАДРИ ОБОДӢ ВА СУБОТУ ОРОМИИ ВАТАН МЕРАСАНД

Дар деҳаи Восеободи калони ҷамоати деҳоти ба номи Абдӣ Авазови ноҳияи Восеъ бо иштироки мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ Ситамова Роҳила бо сокинони деҳа вохӯрӣ ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.

Зимни мулоқот Ситамова Роҳила оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ ба сокинон маълумоти муфассал дод. Дар идома қайд намуд, ки Истиқлолияти давлатӣ арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолори тоҷик буда, барои бунёди давлатдории навин, рушди соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву ҳуқуқӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ заминаи боэътимод фароҳам овардааст. Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад.

“Халқи бузургу қаҳрамони тоҷик! Мо ҳама даст ба дасти ҳам дода, дар фазои сулҳу оромии Ватани азизамон -Тоҷикистонро ба биҳишти рӯи замин табдил медиҳем!”.

Зимнан, раиси маҳаллаи Восеободи калон Нозимов Курбон бо як ҳисси баланд ин суханҳои Пешвои миллатро ба забон оварда, иброз намуд, ки мо ҳама дар якҷоягӣ аз як гиребон сар бароварда, дар пешрафту тараққиёти Ватани азизамон ва шукуфоии он саҳми арзандаи худро хоҳем гузошт.

Инчунин, бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар деҳаи мазкур намоиши ҳунарҳои дастии сокинон ва маҳсулоти кишоварзӣ ба намоиш гузошта шуданд.

*н.ВОСЕЪ*

## ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ПОЯИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ БА ҲИСОБ МЕРАВАНД



Тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара дар деҳаи Осмондараи ҷамоати деҳоти Лолазори ноҳия намоиши ҳунарҳои мардумӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.

Ёдовар мешавем, ки бо пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидааст. То имрӯз ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ дар тамоми гӯшаву канори мамлакат чорабиниҳои гуногун роҳандозӣ гардида истодаанд.

Албатта ҳунарҳои мардумӣ ҷузъе аз фарҳанги миллӣ ба ҳисоб рафта, эҳё ва рушди он асолати таърихӣ дар назди миллат мебошад.

Дар миёни соҳаҳои сердаромад ба қатори пешоҳангҳо риштаи сайёҳӣ низ дохил мегардад. Ҳастанд мамлакатҳое, ки бо инфрасохтори сайёҳии худ теъдоди зиёди сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, аз ин ҳисоб буҷети худро ғанӣ гардонида, тамаддуни худро муаррифӣ месозанд.

Дар ҳамин росто мувофиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси гӯшаҳои ҳунарҳои мардумӣ воситаи хуби муаррифии фарҳанги миллӣ маҳсуб гардида, ба ҳамин восита даромади молиявӣ ба буҷети муассисон ворид мегардад.

*н.ДАНҒАРА*

## СОЛИМИИ МИЛЛАТ РУШДУ БАҚОИ ДАВЛАТ АСТ!



Тибқи ҷадвали тасдиқгардида кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ бо мақсади таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «МНДСЭ»-и ноҳия хониши сиёсӣ баргузор намуданд.

Хониши сиёсӣ бо иштироки аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ баргузор гардида, дар он кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ аз рӯи Оиннома ва Барномаи ҲХДТ ва китоби тозанашри «Каъбаи умеди мо халқ асту бас!» маърӯза карданд.

Инчунин, дар ин раванд самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ баррасӣ карда шуда, онҳоро барои иҷрои вазифаи худ ба хотири суботу осоиштагии кишвари азизамон ва дар солимии ҷомеа саҳмгузор будан роҳнамоӣ карданд.

Раиси ташкилоти ибтидоии номбурда Ҳалимов Абдусалом зикр намуд, ки мо аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ ҳамеша талош меварзем, ки ҳадафҳои созандаи Барнома ва Оинномаи ҳизбиро дар амал татбиқ намуда, дар ҳама чорабиниҳои ҳизбӣ фаъолона иштирок менамоем.

*н.ДӮСТӢ*

## ТАТБИҚИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ҲХДТ ДАР МАҲАЛ



Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар асоси нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардидаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён баҳри эҳёи ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби аъзои ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Шоҳ” намоиши ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили сӯзанидӯзӣ, намоиши дӯхти либосҳои занона бо тарҳи замонавӣ бо нигоҳ доштани нақшу нигорҳои ниёгон бо барномаи рангини фарҳангӣ пешкаши сокинони деҳаи Шоҳи ҷамоати деҳоти Навобод гардонида шуд.

Дар рафти чорабинӣ мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён Ваҳобиддин Абдуллоев оид ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ сухан намуда, вобаста ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ва дар ин ҷода беҳбудӣ бахшидан ба сатҳи некӯаҳволии мардум суханронӣ намуд.

*н.ҚУБОДИЁН*

ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## АКСИЯ ВА ОЗМУНҲОИ ҲИЗБӢ ДАР РУШДИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ МУСОИДАТ НАМУДА ИСТОДААНД



Эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ХҲДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар ин замина эълон гардидани аксияву озмунҳои ҳизбӣ аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар вилояти Хатлон ҳар як зан-модар ва бонуи тоҷику хатлониро водор намуд, ки дар рушди хунарҳои мардумӣ саҳм гузорад.

Зеро мо фарҳангу асолати ҳазорсола дорем, ки маҳз тавассути фарзандони хунарманди хеш онро эҳё кардаем.

Бо ин мақсад дар деҳаи Саргаҳи ҷамоати деҳоти Ситораи Сурх аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Ёвон тибқи чадвали баргузории суҳбату вохӯриҳо дар нимсолаи дуюми соли равон, дар доираи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони «Якчоя ҳал мекунем!» ва эълон гардидани Соли тақвияти робита бо маҳал чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.

Чорабинии мазкур бо ташаббуси ташкилоти ибтидоии «Саргаҳ» ташкил ва баргузор гардид.

Занону бонувони хунарманду чирадасти деҳаи мазкур аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати эълони Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ ва аз нав эҳё намудани хунарҳои қадима хушнуду сарфароз буда, бо як ҳавасмандӣ хунарҳои хешро тақвият медоданд.

Дар чорабинӣ занону бонувон хунарҳои дастии хешро ба маърази тамошо гузошта, мавриди таҳсину офарини иштирокчиён қарор гирифтанд.

*н.ЁВОН*

## ҲИЗБИЁНИ КӮЛОБ ДАР КОРҲОИ ОБОДОНӢ САҲМ МЕГУЗОРАНД



Бо ташаббуси аъзои Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар шаҳри Кӯлоб дар маҳаллаи Содиқов бо сокинон мулоқот анҷом дода шуд. Зимни он раиси Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар шаҳри Кӯлоб Валиева Саъбагул иштирок ва суханронӣ намуда, иброз намуд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ мо бояд дар зери сиёсати созандаи Сарвари давлат сарҷамъ шуда, бо ҳисси баланди масъулияти ватандорӣ ва ифтихор аз давлату миллати худ барои ободу зебо ва рушд кардани Ватани азизамон - Тоҷикистон сахми арзандаи худро гузорем.

Дар навбати худ сокинон низ баромад карда, ваъда доданд, ки 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дастовардҳои арзанда истиқбол мегирем.

*ш.КӮЛОБ*

## МИЛЛАТИ ТОҶИК АЗ АЗАЛ ФАРҲАНГПАРВАРУ МЕҲНАТДӮСТ АСТ



Вохӯрии раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Кушониён Сатторова Мунаввара бо мардуми деҳаи Хурдакаки ҷамоати шаҳраки Бохтариён баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ намоиши хунарҳои миллӣ ташкил карда шуда, хунармандони деҳа маҳсули дастони хешро ба маърази тамошо гузошта буданд.

Зимнан Мунаввара Сатторова дар назди сокинон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ХҲДТ, Соли тақвияти робита бо маҳал, эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ, роҳандозии Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони "Якчоя ҳал мекунем!" андешаронӣ намуда, иброз дошт, ки мардуми тоҷик аз азал меҳнатдӯсту хунарманд аст. Аз ин чост, ки то ба имрӯз анъанаҳои неки ниёгон боқӣ мондаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз ана ҳамин заҳматдӯстии миллати тоҷикро ба назар гирифта, соли 2018-ро дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ эълон намуданд, ки ин барои хунармандон имконияти бузург мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як фарди тоҷикистониро зарур аст, ки зери сиёсати ватандӯстонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами ХҲДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шукргузорӣ аз тинчиву оромии Ватан софдилона меҳнат намуда, заррае ҳам бошад, барои боз ҳам ободу зебо гаштани Тоҷикистони соҳибистиқлол сахми муносиби худро гузорад.

*н.КУШОНИЁН*

## АКСИЯИ ҲИЗБИИ «ЯКЧОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!» БА ОБОДОНИИ МАҲАЛ НИГАРОНИДА ШУДААСТ!



Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Муъминобод бо мақсади дар амал татбиқ намудани Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони «Якчоя ҳал мекунем!» бо иштироки аъзову ҷонибдорони ХҲДТ ва аъзои намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» дар ноҳия ҳашари умумӣ баргузор намуд.

Дар ҳашари умумӣ асосан корҳои таъмири роҳҳои марказӣ, тозаю озода намудани роҳраву ҷӯйборҳои обгузар аз алафҳои бегона ва партовҳо роҳандозӣ шуда, иштирокдорони чорабинӣ бо дасту дили гарм дар фазои тинчу ороми кишвар ва шукргузорӣ аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ХҲДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар корҳои созандагиву ободонӣ саҳми арзандаи хешро гузоштанд. Ҳизбиёни ноҳияи Муъминобод минбаъд низ ният доранд дар партави Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони «Якчоя ҳал мекунем!» корҳои зиёди созандагиву бунёдкориро дар худуди ноҳия роҳандозӣ хоҳад кард.

*н.МӮЪМИНОБОД*

## ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ НИЁГОН ВАЗИФАИ ҶОНИИ МО ШАҲРВАНДОН АСТ!



Дар доираи чадвали баргузории суҳбату вохӯриҳо дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ дар кӯчаи ба номи Раҳим манзилии №2-и шаҳри Норак бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар шаҳри Норак Гулмуродзода Қумриниссо чорабинии фарҳангии ҳизбӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ занону бонувон хунарҳои дастии хешро ба маърази тамошо гузошта, аз ҷониби иштирокдорон ба хушнудӣ пазируфта шуданд.

Зимни вохӯрӣ Гулмуродзода Қумриниссо оид ба рушди хунарҳои мардумӣ ва корҳои хонагӣ баромад намуда, иброз дошт, ки имрӯзҳо эҳё ва ҳифз намудани анъанаҳои миллӣ ва хунарҳои мардумӣ қарзи ҳар як фарди тоҷик мебошад ва Тоҷикистонро бо забон, таърих, урфу одат ва хунарҳои мардумиаш дар дунё мешиносанд. Маҳз ҳаминро ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси муаззами ХҲДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ эълон намуданд.

Аз тарафи аъзои ташкилоти ибтидоии "Фарҳанг" барномаи консертӣ пешкаши аҳолии деҳа гардонида шуд, ки писанди ҷамъомадагон гардид.

*ш.НОРАК*

## ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ МУАРРИФГАРИ ТАМАДДУНУ ФАРҲАНГИ МИЛЛАТ



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Чайхун дар маҳаллаи ба номи Шамсиддин Шоҳини ҷамоати шаҳраки Дӯстии ноҳия чорабинии сиёсӣ-фарҳангӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ХҲДТ ва Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ бо иштироки муовини раиси Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Чайхун Насим Сабурзода, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Чайхун Фарҳод Обидов бо сокинон доир гардид.

Вобаста ба Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ кормандони Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Чайхун муфассал баромад намуда, иброз доштанд, ки бо эҳёи хунарҳои мардуми миллати тоҷик метавонад, тамаддуну фарҳанги миллиро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ созад.

Пас аз суханрониҳои судманд масъулин аз намоиши хунарҳои мардумӣ, ки хунармандони завқманди маҳалла ба намоиш гузошта буданд, дидан намуда, ба хунару маҳорати волои хунармандони чирадасту хушсалиқа баҳои баланд доданд.

*н.ЧАЙХУН*

## ХУРСАНДИИ МАРДУМ ДАР РОСТОИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии деҳаи Вахши ҷамоати деҳоти Ваҳдати шаҳри Левакант чорабинии фарҳангӣ ва намоиши хунарҳои мардумӣ бахшида ба 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур раиси Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар шаҳри Левакант Ватанзода Саидҷафар, раиси ҷамоати деҳоти Ваҳдат Сармисоқова Хайринисо занони фаъол ва мардуми деҳа иштирок доштанд.

Саравал суханро раиси Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар шаҳри Левакант Ватанзода Саидҷафар оғоз намуда, иброз дошт, ки эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ барои миллати тоҷик як ҳадияи бузург аст, ки тавасути ин иқдом хунарҳои миллиамон аз нав бо рангу шакли зинда эҳё гардид. Сипас, ҳамчун вакили деҳа Ватанзода Саидҷафар иқдом гирифт,ки якчоя бо ҷавонони деҳа ва кувваи сокинон купрӯки деҳаи мазкурро, ки солҳои дароз рӯи таъмирро надида буд, аз нав таъмир намоянд. Ҷавонони бонангу номуси деҳаро ба сафи Қувваҳои муссалаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намуда, таъкит кард, ки ҳамчун фарзанди содиқи Ватан марзу буми меҳанамонро ҳимоя намоед. Боиси ифтихор аст, ки дар ин чорабинии ҳизбӣ аз оилаҳои кабизоат тӯйи як чуфт навхонадорон ва ду нафар хатнасур баргузор гардид.

Аз тарафи Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар шаҳри Левакант ба ташкилкунандагони ин чорабини Сипосномаи ҳизбӣ тақдим карда шуд.

*ш.ЛЕВАКАНТ*

## НЕСТ БОД ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ГУРУҲИ ТЕРРОРИСТИИ НАҲЗАТ!!!



Бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо аъзо ва ҷонибдорони ХҲДТ дар ташкилоти ибтидоии «Тоҷирон»-и назди бозори «Ориён ЛТД»-и ноҳия, атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ХҲДТ, моҳияти конунии миллӣ ва дар ин замина дуруст сафарбар кардани корҳои хайру сахо ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа, ташаккули фарҳанги техникии мардум вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар ин вохӯрӣ мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Саёҳат Самадзода, мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва ба ҳисобгирии Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Холмурод Мирзоев, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Раҳматулло Гулов иштирок карда, оид ба масъалаи ба ҳалокат расидани сайёҳони хориҷӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккили ҷинояткор, ки бо дастуру супоришҳои ТТЭ ҲНИ амалӣ шудааст, маълумоти муфассал доданд.

Ин амали мудҳишро иштирокчиёни вохӯрӣ сахт маҳкум намуда, нисбати хоинони миллат лаънат хонданд.

*н.А.ҶОМӢ*

*ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ*

## МИЛЛАТИ ТОҶИК БА ОБ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ЧОР УНСУРИ МУҚАДДАС АЗ ҚАДИМ АРҶ МЕГУЗОРАД



Дар доираи ҷадвали баргузории хонишҳои сиёсӣ дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии ноҳияи Фархор дар ташкилоти ибтидоии "Хоҷагии об" хониши сиёсӣ доир гардид.

Дар ин хониши сиёсӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор Аличон Назаров дар назди ҳозирин баромад намуда, оид ба ҳадафҳои созандаи барномавии ҲХДТ ибрози ақида кард. Аз ҷумла ёдовар шуд, ки ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва истиқлолияти энергетикии кишвар ҳадафҳои аслии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошанд.

Дар ин роҳ мо ҳизбиёнро зарур аст, ки якҷоя даст ба дасти ҳам дода, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои созандаи ҲХДТ ва дар роҳи пешрафту ободии Тоҷикистони азиз қадамҳои устувор гузорем ва барои созандагию рушди босуботи Тоҷикистон кӯшиш намоем. Ҳамчунин, илова намуд, ки барои мо боиси ифтихори бузург аст, ки Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббускори асосии масоили оби ошомиданӣ дар сатҳи байналмилалӣ аст.

*н.ФАРХОР*

## ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КИШВАР



Дар асоси ҷадвали баргузории чорабиниҳо вобаста ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо иштироки кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Гадоӣ Сайдалиев ва Фирӯз Пиров дар деҳаи Садбаргои ҷамоати деҳоти Қаҳрамон вохӯрӣ баргузор гардид.

Масъулин дар назди сокинон дар бораи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва дар бораи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», Соли тақвияти робита бо маҳал, татбиқи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» андешаронӣ намуда, иштирокдоронро барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои созандаи ҲХДТ, бо дастовардҳои баланд ҷамъбаст намудани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва сазовор пешвоз гирифтани 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳнамоӣ карданд.

Инчунин, дар вохӯрӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби ҳунармандони чирадасти деҳа роҳандозӣ карда шуда, иштирокдорон аз маҳсули ҳунарҳои мардумии деҳа дидан намуданд.

*н.ҲАМАДОНӢ*

## ҲХДТ-РАҲНАМОИ МАРДУМ ДАР КОРҲОИ СОЗАНДАГИВУ БУНЁДКОРӢ



Дар доираи ҷадвали баргузории вохӯриву мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳои ноҳияи Хуросон бо иштироки муовини раис-мудири шуъбаи ташкилӣ ва баҳисобгирии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон Азизова Сабоҳат дар ташкилоти ибтидоии «Барқчиён» бо аъзову ҷонибдорони ҲХДТ хониши сиёсӣ вобаста самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизб ва вобаста ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Азизова Сабоҳат дар баробари самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҳадафҳои барномавии ҳизб, нисбати сиёсати пешгирифтаи созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" ибрози андеша намуда, иштирокдоронро барои амалигардонии сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат ва ҳадафҳои созандаи ҲХДТ, ки ба беҳбудии зиндагии мардум ва рушду нумуи Тоҷикистони соҳибистиқлол равон карда шудааст, раҳнамоӣ намуд.

*н.ХУРОСОН*

## ИСТИҚЛОЛИЯТ ВОЛОТАРИН ВА ПУРАРЗИШТАРИН ДАСТОВАРДИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ АСТ



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Тоҷикстандарт» тибқи ҷадвали баргузории хонишҳои сиёсӣ дар нимсолаи дуюми соли 2018 вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар он раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар Наҷидуллоев Тавакал ва мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроия Ализода Одил иштирок намуданд.

Нахуст, Наҷидуллоев Тавакал ба сухан баромада, оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ суханронӣ намуда қайд кард, ки мо ҳизбиёнро мебояд бо пеш бурдани фаъолияти идеологияи босамар маънавиёти ҷомеаро аз ҳама гуна хатарҳои беруна ҳимоя намоем. Дар ин роҳ шиори мо ҳидоятҳои самимонаву падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократи Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки гуфтаанд «Дӯст бошед! Иттифоқ бошед! Шукронаи ана ҳамин сарзамин кунед! Шукронаи ана ҳамин давлат кунед! Шукрона кунед, ки чунин Ватани азизу маҳбуб доред!». Бо татбиқи самтҳои мазкур мо аминем дар амали гардидани ҳадафҳои олии Оинномавӣ ва Барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки барои Ваҳдати миллӣ сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шостаи мардум равона гардидааст, бо такя ба нерӯи созандаи халқ муввафақ мегардем. Сипас, дар идома раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ «Тоҷикстандарт» Сайдализода Ҷурахон ба сухан баромада иброз дошт, ки дар роҳи татбиқи самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон содиқона саҳм мегузорем.

*ш.БОХТАР*



## МО АЗ ДИЁРИ РАВШАНӢ - МО ҲАМДИЁРИ ОБҲО...

Дар асоси нақшаи мувофиқашуда оид ба баргузории вохӯриву мулоқотҳо дар корхонаву муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳо оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ- ҳизби созандаю бунёдкор бо ташаббуси намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» ҷиҳати боз ҳам густариш бахшидани иртибот бо мардум ва ҷалби васеъи ҷавонон ба амалӣ намудани ҳадаф ва мақсадҳои созандаи ҲХДТ дар деҳаи Бешкаппаи ҷамоати деҳоти Наврӯз бо иштироки васеи сокинон ва вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия Аксияи ҳизбӣ таҳти унвони "Мо аз диёри обҳо" бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" баргузор гардид.

Дар аввал роҳбари намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» Шодмонбек Остонақулов ҷамъомадро ифтитоҳ бахшида, оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ва Соли тақвияти робита бо маҳал ҳарф зада, қайд намуд, ки мақсад аз баргузории Аксияи мазкур таҳким бахшидани пояҳои Ваҳдати миллӣ ба хотири тақвияти минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, сазовор ҷамъбаст кардани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Соли тақвияти робита бо маҳал ва сазовор истиқбол намудан аз ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар охир ба иштирокдорон гӯшаи таблиғотии ҳизбӣ доир ба мавзӯъи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" дастрас карда шуд.

*н.Н.ХУСРАВ*

## ФАРҲАНГ МУАРРИФГАРИ МУҚАДДАСОТИ МИЛЛИСТ



Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супориш ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иҷрои бандҳои ҷадвали баргузории вохӯрию мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳалаҳои ноҳияи Шаҳритуз дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ дар деҳаи Қаҳрамони ҷамоати деҳоти ба номи Х.Холматови ноҳия бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва Соли тақвияти робита бо маҳал чорабинии фарҳангии ҳизбӣ доир гардид.

Дар чорабинии фарҳангӣ мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳритуз Абдуллоева Шоира иштирок ва суханронӣ намуд.

Мавсуф дар назди ҷамъомадагон, аз ҷумла ҳунармандони деҳа оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, роҳандозии Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» андешаронӣ карда, сокинонро барои дар амал татбиқ намудани сиёсати ватандӯстонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳадафҳои созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон раҳнамоӣ намуд.

Инчунин, дар чорабинӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ ташкил карда шуда, ҳунармандони маҳалла ҳунарҳои дастии хешро ба маърази тамошо гузоштанд.

*н.ШАҲРИТУЗ*

## ҲИФЗИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ АЗ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ВОБАСТА АСТ

***(Идома аз шумораи гузашта)***

Бояд донист, ки 70-80 фоизи ҳаҷми истеҳсоли солонаи хӯроки чорво аз заминҳои чарогоҳ таъмин мегарданд.

Чарогоҳ бойигарии миллии давлат буда, манбаи асосии хӯроки чорво ба шумор меравад. Мувофиқи ҳисоботҳои оморӣ аз 1553705 гектар замиҳои кишоварзии вилоят 1177881 гектараш чарогоҳ мебошад. Аз ҷумла дар минтақаи Бохтар 607863 гектар ва дар минтақаи Кӯлоб 570018 гектар чарогоҳ арзи вуҷуд дорад.

Оиди рушди чарогоҳ ҳоло Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 мавриди амал қарор дорад. Дар ин Барномаи маҷмӯавӣ оиди рушди соҳаҳои чорводорӣ, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ, занбуриасалпарварӣ, қутоспарварӣ, аспparварӣ ва соҳаи рушди чарогоҳ пешбинӣ шудааст. Тибқи ҳамин қарор барои баланд бардоштани сифату ҳосилнокии чарогоҳҳо ва дастгирии хоҷагиҳо ҳар сол ба ҳисоби миёна 300 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз ин миқдор маблағ барои беҳтар намудани чарогоҳҳо ҳар сол ба ҳисоби миёна 265 ҳазор сомонӣ ва барои таъмири роҳҳо ҳамасола 31-32 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Муносибат ба чарогоҳҳо низ танзими ҳуқуқиро тақозо менамояд, зеро тайи даҳсолаҳои охир бенизомӣ дар истифодабарии чарогоҳ боиси он гашт, ки чарогоҳҳо рӯ ба таназзул оварда, бисёре аз онҳо корношоям гардиданд. Дар робита ба ин моро месазад дар самти баланд бардоштани маърифати сокинон дар самти истифодаи чарогоҳҳо чораандешӣ намоем. Зеро худсарона истифода бурдани чарогоҳҳо, хароб гардидани инфрасохторҳои он чун роҳҳои чорвогузару ҷойҳои дамгирии чорво ва ғайра боиси нигаронӣ гаштаанд. Маҳз бо ҳамин хотир қонуни мукаммал «Дар бораи чарогоҳ» қабул гардид, ки мақсади он таъмини фазои ҳуқуқии солим дар ин самт мебошад ва натиҷаҳои мусбии таъсиррасонии он эҳсос мегардад.

Бояд қайд намоем, ки некӯаҳолии сокинони вилоят бевосита аз чарогоҳҳо, ки қисми зиёди заминҳои кишоварзии вилоятро дарбар мегирад, вобаста мебошад. Дар зимн, мувофиқи тадқиқотҳои гузаронидашуда ва хулосаҳои идораҳои дахлдор қариб 70 фоизи заминҳои чарогоҳҳои вилоят имрӯз дар ҳолати деградатсия қарор дорад, ки сабаби асосии он пеш аз ҳама омилҳои антропогенӣ, истифодаи бенизоми заминҳои чарогоҳ, паҳншавии ҳашаротҳои зараррасон ва хояндаҳо, таъмини обрасонӣ, аз байн бурдани инфрасохтори чарогоҳ ва ғайра мебошанд.

Бо назардошти муҳиммияти масъала, боварӣ дорем бо кӯмаки аҳли ҷомеа дар рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, якҷоя саҳми арзандаи худро дар ҳифзи амнияти озуқаворӣ мегузорем.

*Таҳияи*
*У. САНГИМУРОДОВ*

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТ ВА МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДОН БО МАҚСАДИ ПЕШГИРӢ АЗ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ

***"Солимии миллат поядагии онро таъмин менамояд. Аз ин рӯ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии мардум ва хизматрасонии сифатноки тиббӣ такмили низоми идоракунии соҳаи тандурустиро муҳим шуморида, ҷорӣ намудани рақобати солим, ташаккули низоми муосири хизматрасонӣ бо истифода аз технологияҳои замонавӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби соҳаро аз ҷумлаи иқдомоти зарурӣ медонад".***

***Аз барномаи ҲХДТ***



**Абдулло РАҲМОНЗОДА,**
**раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ**
**дар вилояти Хатлон**

Ҳар сол санаи 18-уми август аҳли ҷомеаи кишвар аз Рӯзи касбии кормандони соҳаи тиб ҷашн мегиранд, ки ин бесабаб нест. Зеро маҳз табибон дар самти тандурустии мардум бевосита саҳм гузошта, ояндаи солимии миллат аз ин қишри муҳимми ҷомеа сахт вобастагӣ дорад. Боиси ифтихор аст, ки аксарияти табибони ҳозиқ узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, дар баробари касби худ ҳамзамон дар солимии идеологии ҷомеа ва корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ низ саҳми назаррас гузошта истодаанд.

Айни замон, бо назардошти вазъи имрӯзаи сайёра ва хатарҳои глобалӣ ба солимии ҷисмонии башарият эҳтиёҷи ҷомеа ба табибони босаводу боҳунар зиёд гашта истодааст ва имрӯз табибон сипари боэътимод дар роҳи ҳифзи генафонди миллӣ аз таҳдидҳои фалокатбор, махсусан бемориҳои сироятӣ гардидаанд.

Бо назардошти ин, лозим донистем дар ин нигошта вобаста ба хатарҳои бемориҳои сироятӣ ба генафонди миллат ва нақши табибону аҳли ҷомеа дар роҳи пешгирӣ аз онҳо андешаҳои худро манзур намоем. Бояд гуфт, паҳншавии босуръати бемориҳои сирояткунада, махсусан бемориҳои ВНМО/АНМО (ВИЧ/СПИД) ва Гепатити С имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро сахт ба ташвиш овардааст. Аз ин рӯ донистани бемориҳо, роҳҳои гузариш, пешгирӣ ва инкишофу авҷгирии онҳо амри зарурист.

Тавре мутахассисон таҳлил намудаанд, бемориҳои сироятӣ аз се омили асосӣ таркиб ёфтаанд: манбаи сироят (одам ё ҳайвони сироятёфта), ноқили ангезанда, одамони ба сироят ҳассос. Ба пайдоиши бемориҳои сироятӣ гуруснагӣ, ғизои номунтазаму якхела, камвитаминӣ, хастагӣ, гармии аз ҳад зиёд, таъсири сармо, гелминтозҳо, зичии аҳолӣ ва ғайра мусоидат менамоянд.

То ҷое аз адабиёти тиббӣ маълум аст, бемориҳои сироятӣ ба антропонозҳо ва зоонозҳо ҷудо карда мешаванд. Антропонозҳо фақат хоси одам буда, одам танҳо аз одам сироят меёбад. Зоонозҳо хоси ҳайвонот буда, ба онҳо одам низ гирифтор мешавад, аз ҷумла, ҳангоми тамос бо ҳайвони касал. Масалан, чунин назарияе ҳам вуҷуд дорад, ки ВНМО/АНМО аз маймун ба одам гузаштааст. Дар маҷмӯъ бемориҳои сироятӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: табобатшаванда, ки таҳдидашон ба ҳаёт пасттар ва табобатнашаванда бо таҳдиди марги ногузир. Гурӯҳи аввалро, чуноне дар боло зикр шуд, бемориҳои мавсимӣ ва гузаранда аз қабили зуком, домана, зардпарвин, дарунравӣ, исҳоли хун, сил ва ғайра ташкил медиҳад. Як қисми ин бемориҳо ба воситаи оби ифлос ва муҳити нопок паҳн мешаванд. Гузариши ин бемориҳо тавассути микроб, бактерия ва вирусҳо ба амал меояд. Тамоми бемориҳое, ки аз зери назар дур мемонад ва дар сари вақт барои пешгирии паҳншавии он тадбирҳои мушаххас намеандешанд, ба саломатии одамон хатари ҷиддиро ба миён оварда, дар баъзе мавридҳо оддитарин бемориҳо сабабгори марги инсонҳо мегардад. Гурӯҳи дигарро бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ ташкил медиҳанд, аз қабили: оташаксифлис, бемории сӯзок-гонорея, хламидиоз, трихомониаз, педикулез ва ВНМО/АНМО, яъне вируси норасоии масунияти одам/аломати норасоии масунияти одам (ВИЧ/ СПИД).

Аз хулосаҳои тиббӣ маълум аст, ки бемории Гепатити С тавассути хун сироят ёфта, яке аз бемориҳои хатарнок ба ҳисоб меравад. Инсон дар якду моҳи сироятёбӣ худаш инро ҳис намекунад, аммо дар айни замон ба манбаи паҳнкунандаи он табдил меёбад. Баъзан нафарони дигар инро тамоман эҳсос намекунанд ва танҳо баъд аз тасодуфан супоридани хун ҳамчун донор ё ташхисҳои муқаррарӣ сироятёбиаш муқаррар мешавад. Омори тиббӣ нишон медиҳад, ки дар дунё 150 миллион одам гирифтори вируси Гепатити С мебошад. Ҳамасола 300-350 ҳазор одам аз ин беморӣ ҳалок шуда, 3-4 миллион нафари дигар сироят меёбад, ки ин раванди афзоиш боиси ташвиш гардидааст. Ин рақамҳо танҳо омори расманд ва ба назари коршиносон шумораи аслии гирифторшудагон се баробар зиёд аз ин омор мебошад.

Омилҳои паҳншавии бемориҳои ВНМО/АНМО ва Гепатит С гуногунанд, аммо маъмултаринашон чунин мебошад:

-Асбобҳои дуруст покношудаи духтури дандон;

-Дар сартарошхонаҳо истифода аз асбобҳое, ки боиси осеб дидани пусти бадан мегардад, махсусан теғ;

-Истифодаи сӯзандорӯҳои покнашуда;

-Нашъамандӣ;

-Беаҳамиятӣ нисбат ба харошҳои оддии пӯсти бадан, ки роҳро барои ворид шудани вирусҳо мекушояд;

-Алоқаҳои ҷинсии тасодуфӣ;

-Ҳалқазанӣ, сузаннигорӣ (татуировка), сӯзандармонӣ ва ғайра.

Тавре мушоҳида кардем, беш аз нисфи омилҳои гирифторӣ ба бемориҳои сироятӣ ҷанбаҳои ахлоқӣ доранд.

Барои пешгирӣ аз сироятёбӣ ба бемориҳои дар боло ёдоварда, мувофиқи маслиҳати табибон, вазифаи шаҳрвандон аз он иборат аст, ки:

-Аз одамоне, ки ба шаҳват ба осонӣ майл мекунанд ва аз машрубот зиёд истифода мекунанд, худро дар канор гиранд;

-Дар вақти пайдо шудани ҷароҳати бедард, сӯзиш, хориш, илтиҳобу сурхшавии узвҳои таносул ва тарашӯҳот зуд ба духтур муроҷиат намоянд;

-Камаш дар шаш моҳ як бор аз табибон вобаста ба вазъи саломатиашон маслиҳат пурсанд;

-Муҳимтар аз ҳама, сабр ва таҳаммулро пеша карда, тарзи ҳаёти солимро интихоб бояд кард.

Месазад хотирнишон сохт, ки ин бемориҳо мутобиқи таҳлили табибон табобатнашаванда буда, марги ногузирро дар пай доранд. Аз ин рӯ интихоби тарзи ҳаёти солим роҳест барои ба даст овардани комёбиҳои назаррас, ҳамоҳангии ҷаҳони ботинӣ, муносибатҳои танзимшуда бо атрофиён, инкишофи зеҳнӣ ва маънавӣ. Баъзе бар он ақидаанд, ки риояи тарзи ҳаёти солим сарфи беҳудаи вақт аст, ки ин комилан хатост. Махсусан, имрӯзҳо, ки хуруҷи АНМО (СПИД) ба сатҳи ташвишовар зиёд шудааст.

Тавре аз адабиёти тиббӣ медонем, иммунитет (ки онро дар забони тоҷикӣ "масъуният" мегӯянд) ин хосияти худмуҳофизаткунии организм ва ҷавоб ба омилҳои зараровар аст, ки аз берун ба организми инсон таъсир мерасонад. Вазифаҳои асосии системаи иммунавии инсон муҳофизат ва мубориза ба ҳаргуна бемориҳо, ва омилҳои беруна мебошад. Суст ва хароб гаштани системаи худмуҳофизатии инсон боиси авҷ гирифтани ҳар гуна бемориҳо мегардад. Шахсе, ки дар организмаш вируси норасоии масунияти бадан ворид гаштааст намуди зоҳириаш аз дигар одамон фарқ намекунад ва ин гуна шахсонро танҳо ба воситаи муоинаи лабораторӣ хун муайян кардан мумкин аст.

Тибқи нишондоди оморӣ дар ҷаҳон ҳар рӯз ҳазорҳо нафар ба ВНМО (ВИЧ) гирифтор мегарданд, ки 50%-и инҳо ба ҷавонони аз синни 10 то 25 сола рост меояд. То имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 35 миллиону 500 ҳазор нафар беморони АНМО (СПИД) умр ба сар мебаранд. Аввалин маротиба дар Ҷумҳурии мо шахсони сироятёфтаи ВНМО дар соли 1991 ба қайд гирифта шудаанд. То имрӯз дар сатҳи ҷумҳурӣ тибқи омори бақайдгирифташуда миқдори сироятёфтагон 7 ҳазору 376 нафарро ташкил медиҳанд, ки 6 ҳазору 705 нафари онҳоро ҷавонони синни аз 10 то 39 сола ташкил медиҳад. Дар ин миён 2658 нафар занҳо низ шомиланд. Аз ҷумлаи сироятёфтагон 3796 нафарашон нашъамандони тазриқӣ мебошанд. Қайд кардан лозим аст, ки тибқи омори маркази мубориза бо АНМО-и ҷумҳурӣ, дар миёни гирифторон 700 нафар кӯдаки ноболиғ ҳам ҳаст, ки аз волидони бемор ин вирусро ба "мерос" гирифтаанд. Созмони Миллали Муттаҳид иттилоъ медиҳад, ки солҳои охир дар ҷаҳон дастрасии беморони АНМО (СПИД) ба дармону маводи тиббӣ хеле пеш рафтааст. Бояд қайд кард, ки барои сирояти ин беморӣ сарҳад, миллат ва дин вуҷуд надорад. Ба ин беморӣ метавонанд занҳо, мардҳо, ҷавонон ва кӯдакону тифлон дар батни модар гирифтор шаванд. Яъне дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамаи миллату халқҳо ва одамони дину ҷинсу, синну солашон гуногун, ба бемории АНМО (СПИД) гирифтор шуда метавонанд. Мутаассифона, барои ҷавонони кишвар муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари беҳбуд бахшидан ба вазъи иқтисоди хонаводаашон, инчунин омили мусоидаткунанда ба афзоиши ин беморӣ гардидааст. Аз ин рӯ волидон бояд дар тарбияи ахлоқии фарзандон бодиққат бошанд ва дар айни замон ҳангоми ба шавҳар додани духтарон ба домоди дар муҳоҷират қарордошта эҳтиёткор бошанд ва аз ташхиси тиббӣ гузаштанашро назорат кунанд.

Тибқи нишондоди мутахассисон, аслан ин вирус бо се роҳ ба организми инсон ворид мегардад: хуни сироятшуда, ҳангоми алоқаи ҷинсии бемуҳофизат ва аз модари дорандаи ин вирус ба кӯдак. Сирояти ин беморӣ аз рафтору кирдори ҳар як шахс вобастагии калон дорад. Инро ҳам бояд донист, ки ин беморӣ бо дастфишурдан, ба воситаи асбобҳои рӯзгор, ҳангоми оғӯш кардану бӯсидан, ҳангоми неш задани ҳашарот ва газидани ҳайвонот ва ҳатто ҳангоми нигоҳубини сироятшудагону воҳӯрӣ кардан бо беморон намегузарад.

Дар ин росто вазифаҳои сохторҳои ҳизбӣ ва фаъолони ҳизб аз он иборат аст, ки:

-Дар баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷомеа вобаста ба бемориҳои сироятиву хавфнок мусоидат намуда, ҳангоми суҳбату воҳӯрӣ бо оммаи васеи мардум мавзӯи мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳанд;

-Бо роҳи ҷалби мутахассисони соҳа ҷиҳати интихоби тарзи ҳаёти солим ба аҳли ҷомеа, хусусан ҷавонон кӯмаки амалии худро расонанд;

-Ҷомеаро аз омилҳое, ки дар боло номбар шуданд, бештар огоҳ намоянд;

-Риояи талаботи қонунгузориро барои дақиқ гузаштан аз муоинаи тиббӣ пеш аз никоҳ тарғибу ташвиқ ва назорат намоянд;

-Ҳатман аз муоинаи тиббӣ гузаштан (ё гузаронидан)-и шахсони аз муҳоҷирони меҳнатӣ баргаштаро миёни оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тарғиб созанд ва ғайра.

Ҳамзамон, мо ҳизбиён вазифадорем ба дарки ҷомеа расонем, ки саломатии ҳар яки мо дар дасти худи мост ва бояд пеш аз ҳама маданияти муносибати ҷомеаро ба гирифторони ин бемориҳо баланд бардорем, дискриминатсияро пурра аз байн барем, то шароити маънавӣ барои озоду ошкор дар ҷомеа зиндагӣ кардани чунин беморон фароҳам ояд. Фаҳмонем, ки пинҳон кардани ҳуввияти шахси бемор аз ҳама омили хатарноктарин ва манбаи паҳншавиву афзоиши ин бемориҳо мебошад!

## ОҒОЗИ СОХТМОНИ БИНОИ МАЪМУРИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ




Дар пайи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар рафти маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ санаи 16 феврали соли равон ҷиҳати то охири соли 2019 таъмин будани ҳамаи сохторҳои ҳизбии кишвар бо биноҳои маъмурии ҳизбӣ ироа гардид, дар саросари вилояти Хатлон сохтмони биноҳои маъмурии ҳизбӣ оғоз гашта истодааст.

Дар ин росто, санаи 09.08.2018 дар ноҳияи Ховалинг бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, раиси ноҳияи Ховалинг Мирзозода Нурулло намояндагони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Наимов Маҳмадулло ва Шоҳиён Абдураҳим ва дигар шахсони расмӣ ба сохтмони биноӣ маъмурии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг хусни оғоз бахшида шуд. Тавре дар чорабинӣ вобаста ба ин иқдоми нек зикр гардид, сохтмони биноӣ ҳизбӣ тибқи дастури Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар зудтарин фурсат ба анҷом расонида мешавад.

Бояд қайд намоем, ки дар вилояти Хатлон айни замон дар 7 Кумитаи иҷроия ҲХДТ – Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Левакант, Фархор, Ҷайҳун, Қубодиён ва Носири Хусрав биноҳои ҳизбӣ мавриди истифода қарор дошта, дар 8 шаҳру ноҳияи дигар - Кӯлоб, Норак, Восеъ, Темурмалик, Ёвон, Шаҳритуз ва ҳамакнун Ховалинг корҳои сохтмонӣ оғоз ёфта, бомаром ҷараён доранд.

## КУРСИ БОЗОМӮЗӢ БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ТАРҒИБОТИИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ КӮМАК НАМУД






Дар чамоати деҳоти Шӯроободи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти КИМ ҲХДТ Наимов Маҳмадулло, мудири бахши бақайдгирӣ ва кор бо созмонҳои ҷамъиятии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, муовини раиси ноҳияи Шамсиддин Шоҳин Ғафорзода Санам ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин Назарзода Толибҷон бо раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва фаъолон курси бозомӯзӣ доир гардид.

Дар курси бозомузӣ масъулин бо раисони ташкилотҳои ибтидоӣ ва кормандони масъули ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин атрофи тақвияти бахшидани фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ дар минтақаҳо, баланд бардоштани дониши сиёсӣ ва роҳҳои амалисозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ андешаронӣ намуда, барои фаъолияти минбаъдаи онҳо тавсияҳои судманд доданд.

*н.Ш.ШОҲИН*

## НАСЛИ ОЯНДАСОЗИ МИЛЛАТ ВАРЗИШРО ҚОСИДИ СУЛҲУ ДӮСТӢ МЕДОНАНД!



Варзиш яке аз омилҳои муҳими солимии ҷомеа ва муарифгари миллату давлат дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Дар ин росто мураббиёни варзида дар тарбияи варзишгарони касбӣ ва ташаккули оммавияти варзиш мусоидат менамоянд.

Варзиш чун ҳамеша яке аз соҳаҳои муҳим арзёби шуда, мақсади асосии ин сиёсат тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ аз амалҳои номатлуб ва оммавӣ гардонидани он мебошад.

Бо ин мақсад бахшида, ба Рӯзи варзишгарон бо ибтикори Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ дар якҷоягӣ бо мактаби варзишии ноҳия ҷамъомади варзишгарони ноҳия дар майдончаи хурди футболбозӣ баргузор гардид.

Дар ҷамъомад раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Файзиев Каримҷон баромад намуда, варзишгаронро ба ин муносибат табрику таҳният гуфт. Зикр кард, ки соҳаи варзиш рӯз то рӯз дар кишвар рушду нумӯъ намуда истодааст. Сохта ба истифода додани варзишгоҳи марказии ноҳия ҳадяи беҳтарини Сарвари давлат барои варзишгарони ин гушаи диёри кишварамон мебошад.

Варзиш дар баробари ба кас солимию тандурустӣ бахшидан, инчунин омили пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, экстримистӣ буда, ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, интихоби роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят менамояд.

Ҳамзамон, ба ин муносибат бозиҳои гуногуни варзишӣ, аз ҷумла футболи хурд, волейбол, гӯштини миллӣ ва вазнбардорӣ миёни варзишгарони наврасии ноҳия баргузор гардид.

Дар охири чорабинӣ варзишгарони фаъол ва ғолибон бо Ифтихорнома ва Сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб сарфароз гардонида шуданд.

*н.ПАНҶ*

## ТАЪЗИЯ

***Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритуз Носирзода Абдукарим ҷиҳати даргузашти МОДАРАШОН изҳори ҳамдардӣ намуда, ба хешону наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.***



## ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

▶ Дар вилояти Балучистони Покистон ҷинояткорон дар назди роҳсозон муҳимоти таркандаро инфиҷор доданд, ки бар асари ҳодиса 6 нафар ба ҳалокат расида,10 каси дигар захмӣ шуд;

▶ Дар ҳудуди ноҳияи Лахши Ҷумҳурии Тоҷикистон чархболи МИ-8 бо 13 нафар кӯҳнавардон ва се нафар сарнишин ҳангоми бозгашт аз қуллаи Исмоили Сомонӣ дар поёноби пиряхи Фортамбек «нишасти дурушт» кард, ки дар натиҷа 3 кӯҳнавардшаҳрвандони Россия, инчунин 2 сарнишини тоҷик ба ҳалокат расида, 12 нафар кӯҳнавардон ва як сарнишин наҷот дода шуданд;

▶ Дар яке аз биноҳои баландошёнаи вилояти Идлиби Сурия таркиш ба амал омад, ки бар асари ҳодиса 39 нафар, аз ҷумла 12 кӯдак ба ҳалокат расид;

▶ Дар вилояти Форёби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон як гурӯҳ террористон ба пойгоҳи низомӣ ҳамла карданд, ки дар натиҷа 17 сарбози Артиши Афғонистон ба ҳалокат расида, 25 каси дигар захмӣ шуд;

▶ Дар минтақаи Даштиарчии шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон террористон ба муассисаи таълимии хусусие, ки довталабонро барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ омода мекард, ворид шуда, камарбанди таркандаро ба кор даровarданд, ки дар натиҷа 48 нафар донишҷӯ ба ҳалокат расида, 67 каси дигар маҷрӯҳ шуд;

▶ Бар асари хароб шудани пули нақлиётгузаре, ки дарозиаш 1,2 км буда, Италияро ба Франсия пайваст мекунад, 39 нафар ба ҳалокат расида, даҳҳо каси дигар бенишон шуданд;

▶ Дар штати Пенсилванияи ШМА беш аз 300 нафар рӯҳониёни католик барои даст доштан дар озори шаҳвонӣ нисбати кӯдакон ба додгоҳ кашида шуда, онҳо ба беш аз ҳазор маротиба анҷом додани амалҳои ғайриахлоқӣ гунаҳгор дониста мешаванд;

▶ Дар соҳилҳои қисми шимолии Судон – дарёи Нил киштие, ки мактаббачагонро интиқол медод, бар асари туфон ғарқ шуд, ки дар натиҷа 22 нафар кӯдак ба ҳалокат расид;

▶ Хизматчиёни ҳарбии Сомалӣ дар қисми шимолии мамлакат дар пайи як амалиёти муваффақона 11 нафар ҷангҷӯёнро нобуд сохта, даҳҳо нафари дигарро захмдор намуданд;

▶ Дар як биноҳои истиқоматии музофоти Идлиби Сурия таркиш рух дод, ки дар натиҷа 36 нафар ба ҳалокат расида (дар ин миён 12 кӯдак низ ҳаст), беш аз 40 нафари дигар маҷрӯҳ гардид;

▶ Дар қисми шарқии Индонезия ҳавопаймои мусофирбар ба фалокат дучор гардид, ки дар пайи ин ҳодиса 8 нафар ҳалок шуда, 1 нафари дигар ҷароҳат бардошт;

▶ Дар вилояти Ғазнаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар рафти задухурди мусаллаҳонаи низомиён бо гурӯҳҳои силоҳбадаст 103 нафар ба ҳалокат расида, 130 каси дигар ҷароҳат бардошт;

▶ Дар қисми ҷанубии Венесуэла обхезӣ ба амал омад, ки бар асари ҳодиса ҳазорҳо нафар зарар дида, ҳазорҳо нафари дигар дар иҳотаи офати табиӣ қарор доранд;

▶ Дар қисми ҷанубу ғарбии Муғулистон қатораи мусофирбар, ки 328 мусофир дошт, аз хати роҳи оҳан берун шуд, ки дар натиҷа даҳҳо нафар ҷароҳати вазнин бардоштанд.

**ҲАМРОЗИ ХАЛҚ**

**Муассис:**
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

**Масъули чоп:**
**Орзу ҲАМИДИЁН**

**Ҳайати мушовара:**
**Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДЗОДА, Махфират ҲИДИРЗОДА, Абдулло РАҲМОНЗОДА**

**Ҳайати таҳририя:**
Зебо БОЗОРОВА, Аловуддин АМИРЗОДА, Ҳусейн САИДОВ

***Тарроҳ:***
***Хусрав МАЗОРИЕВ***

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

**Суроға:**
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47, тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70



Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 11400 нусха*